МАЪРИФАТ, АДОЛАТ, САДОҚАТ, ҚОНУНИЯТ

# НАБЗИ МИЛИТСИЯ

№1 (90),
ЯНВАРИ СОЛИ 2023
www.avkd.tj
avkdtj@mail.tj

НАШРИЯИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Ҷашни Сада бар кишвари ободи муборак!

Мутобиқи тақвимҳои суннатии тоҷикон ҷашни Сада ба анҷоми чиллаи калон рост омада, аз он дарак медиҳад, ки зимистон ва давраи сармои он ба охир расида истодааст ва фасли баҳору оғози корҳои кишоварзӣ наздик аст.

Аз ин ҷашни бостонӣ то ба имрӯз як силсила расму анъанаҳо, намунаҳои фарҳангиву адабӣ ва малакаву таҷрибаҳои кишоварзӣ мерос мондаанд, ки ин арзишҳои маънавӣ наслҳои имрӯзаро бо таърихи беш аз шашҳазорсолаи халқамон пайванд медиҳанд.

Дар робита ба ин, хотирнишон месозам, ки шинохти таърихи бостонӣ, ифтихор аз фарҳангу тамаддуни чандинҳазорсолаи халқамон, эҳёи беҳтарин расму ойинҳои гузашта ва мутобиқ сохтани онҳо ба арзишҳои маънавии имрӯза дар шароити торафт вусъат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ худогоҳии таърихӣ ва ҳувияти миллии моро мукаммалу устувор менамояд.

Дар асоси сарчашмаҳои таърихиву адабии ниёгонамон ҷашни Сада рамзи гармиву рӯшноӣ ва пирӯзии инсон бар қувваҳои бадӣ ба шумор меравад.

**Эмомалӣ Раҳмон**





Ду кас ранҷи беҳуда бурданд ва саъйи бефоида карданд: яке он, ки андӯхту нахӯрд ва дигаре он, ки омӯхту амал накард.
Саъдии Шерозӣ

ЯНВАРИ СОЛИ 2023

# Инъикоси комёбиҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳамасола Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат бо Паёми навбатӣ баромад менамоянд. Паёми навбатии Роҳбари давлат санаи 23-юми декабри соли 2022 дар Кохи Сомони шаҳри Душанбе дар Маҷлиси якҷояи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон баргузор гардид. Дар оғози Паём Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз намуданд: "Соли 2022 барои Тоҷикистони мо, дар маҷмӯъ, соли бобарор буд. Ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар раванди созандагиву ободкорӣ бомаром идома ёфта, нақшаву барномаҳои пешбинигардида ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ҳадафмандона амалӣ карда шуданд.

Бахусус, соли 2022 таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ вусъат гирифта, занҷираҳои мавҷудаи таъминоти молу маҳсулот канда шуданд, истеҳсоли маҳсулот коҳиш ёфт ва нархҳо, махсусан, нархи маводи ғизоӣ ба таври бесобиқа боло рафтанд. Вобаста ба ин аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чораҳои мушаххас андешида шуданд".

Тавре Пешвои миллат иброз намуданд, "ҷомеаи ҷаҳонӣ чанд соли охир дар шароити бӯҳрони шадиди иқтисодӣ қарор гирифтааст". Ба ин шароити душвор нигоҳ накарда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии роҳбари хирадмандонаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист монеъаҳои душвори иқтисодиро паси сар намуда, аз лиҳози иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба натиҷаҳои назаррас муваффақ гардад. "Аз ҷумла дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт. Аз ҷумла соли 2022 корҳо ҷиҳати устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ тақвият пайдо карда, рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи 8 фоиз таъмин карда шуд. Музди миёнаи меҳнат дар кишвар якуним баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,3 баробар афзоиш ёфт. Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоизи соли 2018 то 22,5 фоиз дар соли 2022 коҳиш дода шуд".

Аз солҳои аввали роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи маблағгузории соҳаи маориф ва тандурустӣ диққати махсус дода шуда, онро самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон намуданд. "Аз ҷумла, дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард. Дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст. Ҳамзамон бо ин, ба маълумоти



вакилони муҳтарам ва ҳамватанони азиз расонида мешавад, ки дар 31 соли истиқлоли давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шуд".

Ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон самти афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳуб меёбад. Вобаста ба ин Роҳбари давлат иброз намуданд: "Бинобар ин дар панҷ соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузории буҷети давлатӣ барои дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои дигар зиёда аз 19 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2022-юм 4,3 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Дар баробари ин, то охири соли 2022 ба 475 ҳазор шаҳрванди эҳтиёҷманди кишвар, аз ҷумла кӯдакони ятим ва бесаробон, маъюбон, оилаҳои камбизоат ва гирандагони нафақаи иҷтимоӣ кумаки молиявии яквақта дар ҳаҷми 600 сомонӣ иловатан пардохт карда мешавад ва ба ин мақсад 285 миллион сомонӣ равона мегардад. Дар робита ба ин, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки пешрафти устувори минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии кишварро нигоҳ дошта, соли 2023 суръати рушди иқтисодиро дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намояд. Дар ин замина, соли 2023 даромади умумии пулии аҳолӣ 15 фоиз афзоиш ёфта, ба 100 миллиард сомонӣ баробар мегардад".

Сарвари давлат таъкид намуданд, ки ин нишондоди муҳимро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда низ нигоҳ хоҳад дошт.

Бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои стратегии давлат ин саноатикунонии босуръати кишвар мебошад. Танҳо соли 2022-юм беш аз 500 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бо 6 ҳазор ҷойи нави корӣ ба фаъолият оғоз карданд ва барои то 43 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 мусоидат намуданд. "Ҳамчунин, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав супориш дода мешавад, ки якҷо бо вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати бунёди корхонаҳои саноати коркард, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе аз оғози соли 2023 марҳала ба марҳала сохта, ба истифода додани 4 корхонаи то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ коркард кардани металлҳои қиматбаҳо тадбирҳои зарурӣ андешад", - қайд намуданд муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маориф самти афзалиятнок ва калидӣ маҳсуб меёбад. Пешвои миллат таъкид намуданд, ки: "Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад.

Зимнан, бояд гуфт, ки дар сӣ соли охир шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хонандагони онҳо беш аз ду баробар, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 1,6 баробар ва донишҷӯёни ин зинаҳои таҳсилот сеюним баробар, мактабҳои олӣ чор баробар ва донишҷӯён зиёда аз се баробар афзудааст. Соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 707 миллион сомонӣ ё худ 12,6 фоиз зиёд буда, қариб 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетро ташкил медиҳад".

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои давлатҳои ИДМ яке аз давлатҳое махсуб меёбад, ки ба мавқеи занон таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Пешвои миллат вобаста ба ин чунин иброз намуданд: "Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирии занону бонувон ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа бисёр тадбирҳои судмандро амалӣ намуд. Ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд. Инчунин, бонувону занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ 71, фарҳанг 47, бонкдорӣ 39, алоқа 25, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоиз мебошанд. Таъсиси грантҳои президентӣ ба густариши фаъолияти соҳибкории занону бонувон мусоидат намуд ва онҳо дар баробари беҳтар сохтани шароити оилавии худ ҳоло ба рушди иқтисоди кишвар низ таъсири назаррас расонида истодаанд.

Мо тасмим дорем, ки ҷалби бонувонро ба корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ минбаъд низ густариш бахшем, зеро онҳо дар ҷомеаи мо қувваи бузург мебошанд ва мо ба нерӯву ташаббусҳои онҳо ҳамеша эътимод дорем. Мо, ҳамчунин, ба нақши занмодар, ки мавҷуди муқаддас мебошад, ҳамеша арҷ мегузорем, чунки ӯ насли инсонро ба вуҷуд меоварад, тарбия мекунад ва ба камол мерасонад".

Самти дигари муҳими ин сиёсати давлатии ҷавонон маҳсуб меёбад, ки беш аз 70 фоизи аҳолии Тоҷикистонро асосан ҷавонон ташкил медиҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Иттифоқи ҷавонон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои кор бо ҷавонони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намуда, якчанд Стратегия ва Барномаҳои давлатӣ нисбати ҷавонон амалӣ мегарданд. Пешвои миллат зикр намуданд, ки: "Ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол нерӯи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад. Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд.

Мо имсол "Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026" ва "Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027"-ро қабул намудем. Дар ин замина, зарур аст, ки аз ҷониби Кумитаи ҷавонон ва варзиш якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати қабули барномаҳои маҳаллии кор бо ҷавонон тадбирҳои амалӣ андешида шаванд".

Вобаста ба масоили муҳими ҳаёти иҷтимоии кишвар ва роҳҳои ҳалли мушкилоти он Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор пешниҳодҳои

мушаххас намуданд:

1. Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, ҳамчунин, вазифадор карда мешаванд, ки дар асоси таҳлили ҳамаҷониба ҷиҳати самаранок гардонидани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва касбомӯзии калонсолон оид ба гузаронидани ислоҳот дар низоми идоракунии ин муассисаҳо хулосаҳои худро дар муҳлати ду моҳ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

2. Бо мақсади дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати аз 1-уми июли соли 2023 то соли 2025 ҳар сол зиёд кардани андозаи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат, яъне аз 512 сомонии амалкунанда то 836 сомонӣ ва иловатан барои ҳар як кӯдаки оилаҳои мазкур мутобиқан ба ин давра аз 34 сомонӣ то 152 сомонӣ ҷудо кардани маблағҳо чораҷӯӣ намояд.

3. Бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ - аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад.

4. Бинобар ин, ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта - сармоягузорӣ ба хотири рушди нерӯи инсонӣ мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаем.

5. Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад.

6. Бо истифода аз имкониятҳое, ки давлат ва Ҳукумати мамлакат фароҳам оварда истодааст, муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ бояд бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳми фаъолтар гузоранд.

7. Вазъи имрӯзаи илми кишвар тақозо менамояд, ки ҷиҳати ба равандҳои ҷаҳони имрӯза мутобиқ намудан ва тибқи талаботи замони муосир ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ тадбирҳои муассир андешида шаванд.

8. Ба вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо тавассути роҳандозии барномаҳои таълими касбу ҳунарҳои муосир ва васеъ ҷорӣ намудани омӯзиши амалии донишҷӯён бо роҳи пайванди илм ва истеҳсолот ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати омодасозии мутахассисони соҳаҳои саноат ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, инчунин, иқтисоди рақамӣ тадбирҳои судмандро амалӣ созанд.

9. Вобаста ба таъсиси донишгоҳҳои муштарак бо давлатҳои пешрафтаи дунё оид ба омӯзиши илмҳои муҳандисиву технологӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд.

10. Ҷалби бонувонро ба корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ минбаъд низ густариш бахшем, зеро онҳо дар ҷомеаи мо қувваи бузург мебошанд ва мо ба нерӯву ташаббусҳои онҳо ҳамеша эътимод дорем.

11. Ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол нерӯи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад.

12. Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд.

13. Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдорро зарур аст, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ боз ҳам вусъат бахшида, бо роҳи тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ пеши роҳи гароидани ҷавононро ба равияҳои ифротгаро гирифта, онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд.

***Н. Самиев,***
***сардори шуъбаи адъюнктура, н.и.ҳ., дотсент,***
***полковники милитсия***
***Б. Асламов,***
***ходими калони илмии шуъбаи адъюнктура,***
***Аълочии матбуоти тоҷик,***
***полковники милитсия***

## ТАШАББУСИ НАҶИБ: "Шарҳи мухтасари Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" нашр гардид

Маводи илмӣ-таҳлилии "Шарҳи мухтасари Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ба Маҷлиси Олӣ", ки санаи 23 декабри соли 2022 баргузор гардид", зери назари сардори Академия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ таҳия шудааст.




Дар маводи илмӣ-таҳлилии мазкур шарҳи мухтасари Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён гардидааст. Дар он, нахуст матни Паём оварда шуда, баъдан мавзӯъҳои алоҳидаи он ба монанди иқтисодиёт, фаъолияти соҳибкорӣ, саноат, энергетика, сохтмон, нақлиёт ва кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ғайр аз ин, дастовард ва мушкилоти соҳаҳои иҷтимоӣ дар самтҳои маориф, илм, фарҳанг, тандурустӣ ва варзиш шарҳ дода шуда, масоили қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ, рушди консепсияи мудофиаи миллӣ ва сиёсати хориҷӣ дар партави Паём мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Маводи илмӣ-таҳлилӣ ба доираи васеи хонандагон тавсия карда мешавад.

Маводи илмӣ-таҳлилӣ аз ҷониби Абдулаҳадзода А.А. - подполковники милитсия; Абдулло А.Р. - н.и.ҳ., майори милитсия; Аҳёзода Ш.Т. - подполковники милитсия; Ваలизода Н.Д. - н.и.ҳ., майори милитсия; Каримзода У.К. - н.и.ҳ., подполковники милитсия; Мансурзода А.М. - н.и.ҳ., дотсент, подполковники милитсия; Нарзуллозода С.С. - н.и.ҳ., майори милитсия; Нидоев П.Ф. - н.и.иқт., дотсент; Нуриддинзода С.Н. - подполковники милитсия; Нуруллозода М. - майори милитсия; Ҳайдарзода М.П. - н.и.ҳ., майори милитсия; Ҳалимзода Д.О. - лейтенанти калони милитсия; Ҳусейнзода С.Ҳ. - н.и.ҳ., полковники милитсия; Рустамзода А.Қ. - н.и.ҳ., майори милитсия; Самиъзода Б.С. - подполковники милитсия; Сафарзода Ҳ.С. - н.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия; Тоҷев Ф.Н. - н.и.т., майори милитсия таҳия шуда, дар таҳрир ва такмили он Раҳмадҷонзода Р.Р. - н.и.ҳ., дотсент, подполковники милитсия; Заробидинзода С.З. - н.и.ҳ., майори милитсия; Расулзод Л.Х. - капитани милитсия саҳми худро гузоштаанд.

***Академия***

# Дар Академия Паёми Пешвои миллат мавриди омӯзиш қарор гирифт





13-уми январ дар Академия омӯзиши Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" бо ширкати намояндагони Маҷлиси Олӣ баргузор гардид. Нахуст бо сухани ифтитоҳӣ сардори Академия, д.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ баромад намуда, иброз дошт, ки Паёми Пешвои миллат як барномаи мукаммали иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва мудофиавии миллат барои ояндаи кишвар маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин сардори Академия намояндагони Маҷлиси Олиро ба ҳайати профессорону омӯзгорон ва курсантону шунавандагони таълимгоҳ муаррифӣ намуд:

- Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ - раиси комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати дастур ва ташкили кор, д.и.ҳ., профессор.
- Шоҳмурод Рустам - раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, н.и.ҳ.
- Раҷабзода Равшан Муҳитдин - раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, д.и.ҳ., дотсент.

Дар идомаи нишасти мазкур, ҳайати меҳмонон, аз ҷумла Муртазозода Ҷ.С. дар мавзӯи "Моҳияти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳамчун падидаи сиёсии даврони Истиқлолият ва низоми бахшҳои Паёми соли 2023" маърӯзаи муфассал намуд. Дар маърӯза рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҳадафҳои стратегии давлат таҳлилу баррасӣ гардиданд. Мавсуф Паёми Пешвои миллатро ба Маҷлиси Олӣ ҳамчун падидаи сиёсӣ номид, ки минбаъд мавқеи он бояд дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда шавад.

Шоҳмурод Рустам дар мавзӯи "Нигоҳи ватанпарваронаи Пешвои миллат ва рушди устувори давлат дар ҳошияи Паём" маърӯза намуд. Мавсуф иброз намуд, ки рушди давлат ба тарбияи ватандӯстӣ, нақши ҷавонон ва пос доштани фарҳанги миллӣ вобаста буда, давлат дар ин самт чорабиниҳои мушаххаси тарбиявӣ гузаронида, санадҳои муҳимро ба тасвиб расонидааст.

Раҷабзода Равшан Муҳитдин низ "Дар бораи мазмун ва моҳияти бахшҳои калидии Паём" маърӯза намуд. Номбурда дар маърӯза нуктаҳои муҳими Паёмро вобаста ба ҳадафҳои стратегӣ, рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва таъмини амният дар ҷумҳурӣ ба саъми ҳозирин расонид.

Дар фарҷом муколамаи байни омӯзгорон ва намояндагони Маҷлиси Олӣ оид ба бахшҳои гуногуни Паём баргузор гардид.

Омӯзиши Паёмро сардори Академия бо сухани хотимавӣ ҷамъбаст намуда, ба меҳмонон изҳори миннатдорӣ намуда, иброз дошт, ки дар Академия Паёми Пешвои миллат ҳамчун дастури корӣ мавриди истифода қарор гирифта, оид ба омӯзиш ва амалигардонии минбаъдаи он гурӯҳи кориву тарғиботӣ таъсис дода шудааст.

***С. Сафарзода,***
***Ш. Убайдуллоев***

# Вохӯрӣ бо саркотиби илмии АМИТ

9-уми январ дар доираи нақша-чорабиниҳои Академия вохӯрии Саркотиби илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ), доктори илмҳои таърих, профессор Қосимшо Искандаров бо ҳайати профессорону омӯзгорони ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сурат гирифт. Қосимшо Искандаров, ки яке аз коршиносони шинохтаи кишвар оид ба масоили Шарқи Миёна ва Наздик махсуб меёбад, дар мавзӯи "Афғонистон: таърих, ҳолати кунунӣ ва пешомадҳо" суҳбати хеле шавқовар, пурмазмун ва хотирмонро бо ҳайати омӯзгорон ба сомон расонид.



Мавсуф бо як маҳорати хоса, бо такя ба арқому далоили таърихӣ ва воқеӣ, таҳлилҳои моҳиронаву олимона сарнавишти ин ҳамсоякишвари моро ба ҳозирин талқин карда, моҳияту мазмуни гузаштаи начандон дур ва ҳолати кунунии онро матраҳ намуд.

Дар баромадаш бисёр омилҳои дохилӣ ва хориҷии вазъ дар ин кишвари ҷангзада баён гашт. Аз ҷумла, дар қисмати ниҳоии баромадаш доир ба вазъи имрӯза ва дурнамои амниятӣ, мавсуф баён кард, ки:

"Бо гузашти якуним сол дар ҳоле ки ҳеҷ кишваре низоми Толибонро ба ҳайси давлати машрӯъ эътироф накардааст, аммо бисёр кишварҳо бо Ттолибон аз таомул кор мегиранд, пулҳои ҳангуфте ҳамчун кумаки башардӯстона ба Афғонистон сарозер мешаванд. Маълумотҳое дар бораи ҳар ҳафта 40 млн. доллар ба хотири нигоҳ доштани низоми бонкии Толибон ба онҳо дода мешвад. Баъзе кишварҳо дипломатҳои гурӯҳи террористии Толибонро дар кишварҳои худ қабул кардаанд, сафоратҳои онҳо дар Кобул фаъол мебошанд, доду гирифт ва тиҷорат идома дорад.

Ба ибораи дигар де-факто ҳукумати худхондаи Толибонро эътироф кардананд. Эҳтимол боз чандин солҳои дигар низоми Толибон метавонад ба ҳамин шакл вуҷуд дошта бошад. Оё давлатҳои расман эътирофношуда дар дунё камананд? Ин кишварҳо зимнан умед доранд, ки Толибон ба тақозоҳои ҷомеаи байналмилалӣ лаббайк мегӯянд ва ба ташкили ҳукумати фарогир ва риояи ҳуқуқи башар, бахусус занон розӣ мешаванд. Аммо сахтгириҳои Толибон рӯ ба афзоиш аст. Мисли пештара даҳҳо гурӯҳи террористӣ дар Афғонистон мустақар аст, ки ба амнияти минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон низ таҳдид мекунанд. Гузашта аз ин, тибқи баъзе маълумотҳо, аз Шарқи Наздик ва кишварҳои дигар террористон дар ҳоли интиқол ба Афғонистон, аз ҷумла навоҳии шимолии он кишвар, ки бо ҷумҳурии мо ҳамсарҳад мебошанд, ҳастанд.

Дар ин шароит дипломатияи Амрико аз нав фаъол шуда истодаст, то назорати Толибонро аз даст надиҳад. Зеро гурӯҳи дигари кишварҳо ба мисли Руссия, Чин, Эрон, Узбекистон кӯшиш доранд то бо Толибон на танҳо таомул дошта бошанд, балки робитаҳои худро дар сатҳи баландтаре таъмин намоянд.

Амрико меҳоҳад аз тариқи роҳандозии сенарияҳои гуногун ҳадафҳои худро баровварда созад.

Сенарияи 1.Ташкили бо ном ҳукумати ҳамашумул ё инклюзивӣ бо роҳи шиддат бахшидан ба мухолифат байни гурӯҳҳои Толибон.

Ҳоло Толибон ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

- Гурӯҳи Ҳайбатулло.
- Гурӯҳи Ҳаққонӣ.
- Гурӯҳи қандаҳориҳои муътадил бо роҳбарии Мулло Яқуб ва Мулло Бародар.

Ногуфта намонад, ки моделҳои ҳукумати инклюзивӣ ҳам, ки аз тарафи гурӯҳҳои гуногуни кишварҳо пешниҳод мешаванд, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Модели амрикоӣ дар назар дорад Мулло Яқубро ҷойгузини Ҳайбатулло кунанд ва аз ҳисоби як қисми намояндагони Шабакаи Ҳаққонӣ, аз ҷумла Сироҷиддини Ҳаққонӣ, Анас Ҳаққонӣ (бо ҳазфи гурӯҳи тундрави ин шабака ба мисли Абдулҳаким Ҳаққонӣ, вазири таҳсилоти олӣ, вазири маориф, вазири ҳаҷу авқоф, идораи амр ба маъруф, наҳйи аз мункар) ва ҷонибдорони Мулло Яқуб ва Мулло Бародар, инчунин нухбагони фирории ғарбгарои хориҷ як давлати инклюзивӣ ташкил кунанд. Ин кор ба қавле дар зарфи 6-8 моҳи оянда бояд амалӣ шавад.

Ҳукумати инклюзивии пешниҳодии Эрон ва Покистон ҳам ба ҳисоб гирифтани манфиатҳои гурӯҳи қандаҳориҳо, шабакаи Ҳаққонӣ ва намояндагони ҳазораҳо ва тоҷиконро дар назар дорад.

Модели сеюм, ба қавли коршиносон, модели чинию руссиягӣ мебошад, ки меҳварияти шабакаи Ҳақониро бо гурӯҳҳои қандаҳориҳои камтар ба Амрико вобаста ва гурӯҳҳои тоҷику узбеки ҷонибдори Маскавро дар ҳукумати инклюзивӣ пешбинӣ мекунад.

Агар ин сенария коромад нашавад сенарияи дувум рӯйи кор меояд.

Сенарияи 2 - фаъол кардани ДОИШ аст, ки ҳамарӯза сарбозгирӣ карда истодааст ва метавонад тамоми гурӯҳҳои террористии хориҷиро дар шимоли Афғонистон муттаҳид созад.

Ва ниҳоят сенарияи севум - фаъол шудани ҷабҳаҳои муқовимат аст.

Руссия, Чин, Ҳинд, Эрон ба хотири ҳифзи манфиатҳояшон маҷбур мешаванд, то фаъолияти ин гурӯҳҳои зидтолибиро тақвият бахшанд.

Амалӣ шудани ин сенарияҳо ҳам ҳеҷ замонатеро барои таъмини сулҳу субот дар Афғонистон ва минтақа пеш намеорад.

*У. Олим,*
*С. Сафарзода*

# Чорабиниҳои муфиди таълимӣ

Яке аз вазифаҳои муҳим ва асосие, ки дар назди Академия меистад, омода намудани кадрҳои баландихтисос барои мақомоти корҳои дохилӣ ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусии онҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамин аст, ки дар заминаи факултети №3 ва дар асоси Нақшаи таълимии тасдиқгардидаи Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, бо мақсади баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ курси такмили ихтисос бо навбатдорон ва навбатдорони калони оперативии қисмҳои навбатдории Раёсати нозиротӣ-ташкилии ВКД ба роҳ монда шуд.



Мутобиқи ҷадвали дарсии тасдиқнамудаи сардори Академия, дарсҳои таълимии курси такмили ихтисос дар сатҳи баланди касбӣ аз тарафи олимони Академия ва дигар омӯзгорони пуртаҷрибаи кафедраҳои тахассусӣ дар синфхонаҳои махсуси муҷаҳҳаз бо воситаҳои аёнии таълимӣ гузаронида шуданд. Вобаста ба такмили донишҳои оперативӣ аз ҷониби сардори факултети №6, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия Амрудинзода М.А. аз фанни ФОҶ ба шунавандагон дарси амалӣ гузаронида шуд.



Ҳамчунин, дар доираи ин машғулиятҳо шунавандагон аз Осорхонаи Академия, китобхонаи Вазири корҳои дохилӣ ва синфхонаҳо дидан намуданд.

*Б. Асламов,*
*Ш. Убайдуллоев*

# Фатҳи қуллаҳои нав

Дӯстмуроди Абдулҳасан аз хурдӣ орзуи корманди милитсия шуданро дошт. Ӯ дар мактаби №52-и ҷамоати деҳоти Тебалаи ноҳияи Кӯлоб бо баҳои хуб таҳсил намуда, дар даврони мактабхонӣ ба гӯштини тарзи миллӣ низ машғул буд.

Соли 2018 ба Академия дохил шуда, айни ҳол дар курси 5-уми факултети №2 таҳсил дорад. Дар баробари таҳсил ва интизоми намунавӣ Дӯстмуроди Абдулҳасан аз устодони варзиш Парвиз Собиров, Восеъ Юсупов ва Манучехр Назаров асосҳои муҳорибаи тан ба тан (ММА)-ро омӯхта, аъзои Федератсияҳои Кемпо, Ҷиткундо, Айкидои Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ борҳо ҷойҳои аввалро ишғол намудааст, аз ҷумла соли 2021 дар бозиҳои байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе ҷойи якум, дар бозиҳои байналмилалии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ноҳияи Спитамени вилояти Суғд ҷойи дуюм, дар бозиҳои ММА дар шаҳри Душанбе 12-13-уми ноябри соли 2022 ҷойи якумро ба даст оварда, обрӯи Вазорати корҳои дохилӣ ва Академияи онро дар сатҳи байналмилалӣ боло бардоштааст.



Дӯстмуроди Абдулҳасан соҳиби якчанд медалу дипломҳои Федератсияҳои Кемпо, Ҷиткундо, Айкидои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар оянда орзуи корманди самти кофтукови ҷиноятӣ шуданро дар дил мепарварад. Роҳбарияти Академия курсант Дӯстмуроди Абдулҳасанро пайваста дастгирӣ карда, ба ӯ дар ҷодаи варзиш ва таҳсил дар ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ комёбиҳои нав ба навро таманно менамоянд.

***Б. Асламов,***
***Ш. Убайдуллоев***

# Забон - рукни ташаккули давлат ва худогоҳии миллӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳо оид ба мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ ҳанӯз охири солҳои 80-уми асри XX ба вуҷуд омада буд. Маҳз қабули қонуни забон руҳияи миллиро дар байни аҳолӣ бедор намуд.

Воқеан ҳам забон яке аз рукнҳои асосии давлату давлатдорӣ ва ҳастии миллат ба ҳисоб меравад. Хусусан забони тоҷикӣ барои эъмори давлати тоҷикон нақши бузург ва калидиро бозидааст. Бузургии ин забон дар он зоҳир мегардад, ки тӯли асрҳои зиёд тоҷикон зимоми давлатдориро аз даст дода буданд ва ҳатто забони коргузорӣ дар Тоҷикистон тағйир ёфта буд, аммо он тавонист мавқеи худро нигоҳ дорад. Яке аз омилҳои асосии ташкили давлати соҳибистиқлоли тоҷикон низ маҳз забони тоҷикӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки забони ширину шевои тоҷикӣ муҳимтарин унсури ҳастӣ ва бақои умри миллати куҳанбунёди мо мебошад, ки дар даврони истиқлол ва дар марҳалаи бунёди давлатдории миллӣ рисолати милатсозиву давлатсозии худро бо рангу ҷилои тоза идома бахшида истодааст.

Ногуфта намонад, ки Пешвои миллат дар ҳамаи баромаду суханрониҳояшон оид ба манзалату эътибори забони тоҷикӣ ва пос доштани он пайваста ҳарф мезананд. Чунончи, дар ибтидои суханронии худ дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ки 27 сентябри соли 2022 баргузор гардида буд, иброз доштанд, ки: "Маҳз ҳамин забони ноби модарӣ халқи моро дар тӯли зиёда аз панҷуним ҳазор сол бар зидди тамоми бадбахтиҳову тохтутози аҷнабиён муттаҳиду сарҷамъ нигоҳ




доштааст ва ба миллати тоҷик умри ҷовидонӣ бахшидааст. Забони мо, яъне забони шоиронаву зебои тоҷикӣ бузургтарин ва гаронбаҳотарин доровиву сарвати мо, ифтихори мо ва рӯйи сурху сари баланди мо - тоҷикон - яке аз миллатҳои қадимтарини дунё мебошад". / Суханронӣ дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ш. Душанбе, 27.09.2022/

Қобили зикр аст, ки масъалаи забони давлатӣ ва тақвияту таҳкими мақоми он дар таърихи давлатдории навини мо ҳамеша яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, имрӯз низ дар маркази диққати давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Ҳамзамон, Пешвои миллат хотиррасон намуданд, ки: "...забони тоҷикӣ дар раванди ташаккулу таҳаввули худ роҳи ниҳоят душвору пурпечутоберо тай намуда, аз санҷишу имтиҳонҳои сахти таърих гузаштааст ва имрӯз, ки мо дар масири бунёду таҳкими давлатдории миллӣ пеш меравем, рисолати худро ба сифати василаи ваҳдатсоз ва муттаҳидкунандаи мардуми Тоҷикистон муваффақона идома дода истодааст".

Бояд донист, ки тавоноӣ ва имконоти забони мо ба ҳадде буд, ки дар тӯли ин ҳама садсолаҳои начандон мусоид ва гоҳо бисёр сахту шадид гузаштагони мо яке аз бузургтарин тамаддунҳо, ганитарин адабиёт, зеботарин ашъор ва муассиртарин ҳамосаи миллии ҷаҳонро бо ҳамин забон офаридаанд.

Ин нуктаро Пешвои милат дар суханронии худ ёдовар шуда, иброз доштанд, ки: "Бо иси ифтихор ва фараҳмандии мо - ворисони ин забон ва мероси бузурги бо он навишташуда аст, ки ин забон то ба имрӯз ба шарофати хизматҳои бузург, заҳматҳои бедареғ ва корнамоиҳои беназири фарзандони фарзонаву барҷастаи миллати тоҷик - аз Куруши Кабиру Исмоили Сомонӣ ва устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то Бобоҷон Ғафурову устод Садриддин Айнӣ ва ҳамон шакли асилу ноб бо ганҷинаи ганиву рангини вожаву истилоҳот ва таъбиру таркиботи дилнишину зебо боқӣ мондааст".

Ҳамзамон, Пешвои миллат махсусан қайд карданд: "...маҳз ба ҳамин далел забон дар раванди барпо кардани давлати миллӣ ҳамчун унсури аввалия ва рукни бунёдии давлатдорӣ нақши ниҳоят муҳим ва сарнавиштсоз дорад".

Ба ақидаи муттахасисони соҳа: - "Агар ба хотири барпо кардани давлат чӣ қадар ҷоннисориҳо шуда бошад, барои ҳифз кардан, дар амну осудагӣ нигоҳ доштани давлат, сарфи на камтар аз он зарур аст. Фаъолияти ҳаррӯзаи Пешвои муаззами миллати тоҷик нишонгар ва намунаи олии ҳамин гуна муносибат ба тақдири имрӯзу ояндаи давлати миллии мо мебошад". /Ятимов С. Илм ва амният. Душанбе, 2019, с.10 /

Ифтихори ватандориву ватандӯстӣ, ифтихор аз таъриху фарҳанг, ифтихор аз ҳувияти миллӣ ва гузаштагони сарбаланди миллати хеш аз поку безаранд нигоҳ доштани забони модарӣ сар мешавад. Илми воқеан миллӣ дар асоси забони миллӣ таъсис ва ташаккул дода мешавад, ки инро таҷрибаи дигар кишварҳо кайҳо собит кардааст. Забони тоҷикӣ танҳо дар сурате ҳамчун забони илму фарҳанг мавриди истифода қарор мегирад, ки бо ин забон истилоҳоти илмӣ ба вуҷуд оварда шавад. Агар ба абёти оламшумули миллати тоҷик назар афканем, мушоҳида мешавад, ки ин забону ин фарҳанг ҳанӯз аз ибтидо хусусияти илмӣ дошт.

Ҳамчунон, ки Пешвои миллат дар суханронии худ гуфтанд: "Донишмандони тоҷик гузоштани асосҳои забони илмии тоҷикиро ҳанӯз дар замони давлатдории Сомониён дар сатҳи баланд анҷом дода буданд, ки хизмати таърихии онҳо дар ин самт аз ҷониби олимони маъруфи сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст. Бузургтарин донишмандони ҷаҳоншумули мо - Абуалӣ ибни Сино бо таълифи "Донишномаи Алоӣ" ва Абурайҳони Берунӣ бо таълифи "Китоб-ут-тафҳим" бунёдгузорони забони илми тоҷикӣ ба шумор мераванд, ки анъанаи оғозкардаи онҳо дар асрҳои минбаъда аз тарафи донишмандони маъруф, аз ҷумла Насируддини Тӯсӣ, Умари Хайём ва дигарон то ба Аҳмади Донишу устод Айнӣ идома пайдо кард. Бинобар ин, олимони моро зарур аст, ки барои ҳамқадами замон гардонидани забони тоҷикӣ ва ба пояи баланди забони илм расонидани он кӯшиш намоянд".

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки олимону муҳаққиқон ва мутахассисони тамоми соҳаҳои илм ва аҳли зиёи кишварро лозим меояд, ки барои ифодаи мафҳумҳои навтарини илму техника ва илми муосир васеъ ва бамаврид истифода баранд.

Зинда гардонидани номҳои таърихию ҷуғрофӣ ва қадимаи сарзамини аҷдоди мо, пеш аз ҳама бо ибтикори беҳтари худи Пешвои миллат сурат мегирад, ки ин нишонаи баланди арҷгузории ин сиёсатмадори меҳанпараст мебошад.

Зиёда аз ин бояд ёдовар шуд, ки дар тӯли садсолаҳо забони мо дар паҳнои бузурги тамаддуни дунё - аз марзҳои Осиёи шарқӣ ва Ҳимолой то соҳили баҳри Миёназамин нақши байналмилалӣ дошта, ҳамчун забони муколиба ва муҳовараи халқҳои гуногун гардидааст. Ин нуктаро Пешвои миллат низ дар суханронии худ ёдовар шуданд: "... дар харитаи сиёсии олам дигарбора арзи ҳастӣ кардани номҳои қадиму асилу ҷуғрофии Бохтар, Суғд ва садҳо номи дигар, ки гузаштаи пурифтихори моро ба имрӯз ва имрӯзро ба фардо пайванд медиҳанд, барои эҳёи ҳофизаи таърихӣ ва баланд бардоштани сатҳи худогоҳиву худшиносии мардуми мо аз аҳамияти хосса бархӯрдоранд".

Ҳамзамон, дар раванди забономӯзӣ Пешвои миллат изҳор доштанд, ки наврасону ҷавонон бояд дар хотир дошта бошанд, ки донистани забони модарӣ ва дар ин раванд аз худ кардани донишҳои замонавӣ аз рӯҳияи баланди ватандорӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори баланди миллии онҳо гувоҳӣ медиҳад.

***Ҷамшед Бойзода,***
***полковники милитсия***

# ОЗМУНИ "ЛАБИРИНТИ ҲУҚУҚӢ"

Бо дастгирии Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, роҳбарияти Академия ва бо кумаки бевоситаи Дафтари САҲА дар Душанбе ва ташкилоти ҷамъиятии "Инсон ва Адолат", дар ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ озмуни "Лабиринти ҳуқуқӣ" бахшида ба 30-юмин солгарди Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ ва 31-умин солгарди таъсисёбии Академияи ВКД баргузор гардид.

Мақсад аз гузаронидани озмун - таҳким бахшидани дониши курсантон дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ташаккулёбии ақидаи фаъоли шаҳрвандӣ, шуури ҳуқуқии мусбат, малакаи дар амал татбиқ намудани донишҳои омӯхташуда мебошад. Озмун бо унсурҳои маҳфили хушдилон баргузор гардида, дар як вақт ҳам ҷиддӣ ва ҳам шавқовар шуд.



Дар озмун курсантони курсҳои 3-5 факултетҳои №2-№6 ширкат намуданд.

Дастаи факултети №2 "Мубориз" ва гурӯҳи факултети №6 "Таҳаммулпазир" ном доштанд. Дастаҳо аз 6 нафар аъзо иборат буда, як нафар аз афсарон ҳамчун мураббии (наставник)-и даста буд.

Номи озмун тасодуфӣ набуда, иштирокчиёни он пеш аз ба мақсад расидан бояд монеаҳои ҳуқуқиро, ки иборат аз вазифаҳои озмун мебошанд, паси сар намоянд. Дастае, ки бештар холҳоро ба даст меоварад, дастаи ғолиб ва дастае, ки холҳоро нисбат ба дигар даста камтар ба даст меоварад, дастаи мукофотгиранда (призёр) эътироф мешавад.

Озмун аз чор давр иборат буд. Даври якум, ки "Вазифаи хонагӣ" ном дошта, ба чанд қисм тақсим шуд, яъне: шиносоӣ бо даста, номи даста, барои чӣ даста чунин номгузорӣ шудааст ва муаррифии мавзӯи интихобгардида.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дастаи "Мубориз" мавзӯъ оид ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва дастаи "Таҳаммулпазир" бошад, мавзӯи мубориза бо терроризм ва экстремизмро интихоб намуда, видеоклипҳоеро, ки муддати як моҳ тайёр карда буданд, ба ҳакамон ва мухлисон пешниҳод намуданд.

Даври дуюм - "Вазифаи амалия", ки даври даставӣ буд.

Даври сеюм - "Силоҳбадаст ва хатарнок" (дар доираи криминалистика).

Даври чорум - "Муҳорибаи титнаҳо" (капитанҳо) - ба майдон сарварони дастаҳо даъват гардида буданд.

Ҳамчунин, тамошобинон аз ҳисоби курсантони факултетҳои №2 ва №6 фаъолона иштирок намуданд.

Ҳангоми танаффус дар рафти озмун, бозӣ бо номи "Ҳозирҷавоб" дар шакли саволу ҷавоб бо курсантон ва ҳакамон гузаронида шуд. Ба иштирокчии ҳозирҷавоб аз байни курсантон ва ҳакамон тӯҳфаҳои хотиравӣ супорида шуданд.

Баъди ҷамъбасти холҳо аз ҷониби раиси ҳакамон ғолибони викторина эълон шуданд, ки ғолиби он дастаи факултети №2 "Мубориз" бо 115 хол гардид. Дастаҳо бо тӯҳфаҳои арзишманд сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамчунин, капитани беҳтарин (капитани дастаи "Таҳаммулпазир"), беҳтарин бонуи ҳуқуқшинос (узви дастаи "Таҳаммулпазир") ва беҳтарин ҷавони ҳуқуқшинос (узви дастаи "Мубориз") ва мухлиси беҳтарин (курсанти курси 4 факултети №2) интихоб гардида, онҳо низ бо тӯҳфаҳои арзишманд сарфароз гардонида шуданд.

***Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр***



# Ташкили самараноки имтиҳонҳои шифоҳӣ

Ҷиҳати иҷрои саривақтии қарори ҳайати Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми апрели соли 2022 таҳти №06/08 оид ба ташкили раванди сессияи зимистонаи соли таҳсили 2022-2023 "Тартиби қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта", ҳамчунин тибқи супориши сардори Академия, д.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ дар факултетҳои ин таълимгоҳ ташкили самараноки имтиҳонҳо амалӣ гардида истодааст.

Дар ин раванд аз ҷониби кафедраҳои дахлдор номгӯи саволҳои санҷишӣ-имтиҳонӣ мураттаб гардида, тасдиқ карда шуданд.

Пеш аз шурӯи сессияи зимистонаи соли таҳсили 2022-2023 бо курсантону шунавандагон тибқи ҷадвали алоҳида, рӯзҳои машварат муқаррар гардида, саволномаҳо қабл аз имтиҳону санҷишҳо ба онҳо барои омодагӣ пешниҳод гардид. Натиҷаи иҷрои қарори ҳайати Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми апрели соли 2022 таҳти №06/08 оид ба ташкили раванди сессияи зимистонаи соли таҳсили 2022-2023 дар Академия нишон дод, ки шумораи зиёди курсантону шунавандагон ба имтиҳону санҷишҳо бо тайёрии хуб омада, соҳиби холҳои баланд гардиданд.

Раванди сессияи зимистонаи соли таҳсили 2022-2023 дар Академия идома дошта, дар баробари ин шакли хаттӣ ва омехтаи санҷишу имтиҳонҳо низ гузаронида шуда истодаанд, ки курсантону шунавандагон дар онҳо фаъолияти баланд нишон дода истодаанд.

Сифати сессияи зимистонаи соли таҳсили 2022-2023-ро шуъбаи таълим ва қисмҳои таълимии факултетҳо назорат мебаранд. Натиҷаи имтиҳону санҷишҳо ба курсантону шунавандагон сари вақт расонида мешаванд, ки ин иқдом онҳоро барои азхудкунии фанҳои таълимӣ ҳавасманд мегардонанд.

***Б. Асламов, С. Сафарзода***

# Зиракии сиёсиро аз даст надиҳем!

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он андозае хатарноку пурмоҷаро гаштааст, ки ҳар лаҳза мумкин аст ҳодисае рух диҳад. Ин хатарҳо бештар аз ҷониби гурӯҳҳои иртиҷоиву экстремистӣ ба вуҷуд оварда мешавад, ки кафолати замону маконро надорад. Терроризм ва экстремизм мисли бемории сироятие ба кулли ҷаҳон паҳн гаштааст, ки мутаассифона, дар бисёр ҳолатҳо ҷавононро сироят мекунад. Ин гурӯҳҳо ва ҳизбҳои террористӣ мехоҳанд оромиву осоиштагии ҷаҳониёнро халалдор созанд. Онҳо зери ниқоби дин амал мекунанд, ҳоло он ки дониши динӣ надошта, тазоҳуроташон муқобили гуфтаҳои динӣ аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояшон зикр кардаанд, ки: "Дар шароити торафт мураккаб гардидани вазъи ҷаҳони муосир, густариш пайдо кардани зуҳуроти ниҳоят хатарноки асри нав - терроризм ва экстремизм, вусъати бесобиқаи бархӯрди манофеи қудратҳо барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон вобаста ба ин, боз ҳам печидаву муташанниҷ гардидани вазъи сиёсии сайёра, инчунин шиддат гирифтани бӯҳрони молиявию иқтисодӣ дар бисёр кишварҳои олам мегардад".

Ҳамаи ин воқеияту рӯйдодҳо ҳақиқатеро таъкид менамоянд, ки мушкилоти аср ва таҳдидҳои нав ба тамаддуни башарӣ мунтазам афзоиш ёфта, амнияти давлатҳои хурду бузурги олам ва ҳатто тақдири тамоми аҳли башарро ба хатари ҷиддӣ рӯ ба рӯ сохтаанд. Ҳодисаҳои дар ҷаҳон баамаломада бори дигар исбот намуданд, ки терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, гувоҳи он аст, ки террорист Ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, ҳамзамон як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст. Ин зуҳуроти фалокатбор ҳеҷ умумияте ба дин, аз ҷумла дини мубини ислом надорад ва бо истифода аз номи ислом ба хотири ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёсӣ содир карда мешавад.

Терроризму экстремизм аз проблемаҳои асосии имрӯза буда, махсусан ҷавононро ба ҳар гуна ваъдаҳои бардурӯғи динию дунявӣ ҷалб намуда, онҳоро ба ҷараёнҳои террористӣ сафарбар менамоянд. Террористҳо гурӯҳҳои хурде буда, ба ҷомеаи имрӯза бо ҳар гуна роҳ зиён мерасонанд. Аз нигоҳи коршиносон, яке аз омилҳое, ки ҷаро маҳз ҷавонон ба ин роҳи беоқибат ҷалб карда мешаванд, чунин аст:

Аввалан, ҷавонон дорои қувваи хуби ҷисмонӣ буда, барои иҷрои амалҳои номатлуб қулай мебошанд. Инчунин, бисёре аз чунин гурӯҳҳо аз саводи хуби диниву дунявӣ надоштани бархе ҷавонон истифода карда, онҳоро ба доми хеш мекашонанд ва дар зеҳни онҳо ақидаеро ҷой месозанд, ки гӯё барои дин ҷиҳод карда истодаанд. Аммо ҷиҳодро аз болои кӣ мекунанд? Аз болои ҳамватан, хешу табор, ҳаммиллат, кӯдакону калонсолон ва шахсони умуман бегуноҳ.

Экстремист ин ҷинояткори идеалогие мебошад, ки на танҳо қатлу кушторро ба роҳ мемонад, балки ба бегуноҳии хеш комилан бовар дорад. Аз нигоҳи ин гуна шахсон, тамоми ҷомеаи ҷаҳон гунаҳкор аст ва бояд ҷазо дода шавад. Барои таҳлили ин нуктаҳо ҳар як шахс бояд саводи комил дошта бошад.

Омили дигар, ин ваъдаҳои дурӯғину тиҳии маблағҳои калони пулӣ аст, ки аз ҷониби хоҷагони хориҷӣ пешниҳод карда мешавад, то ҷавонон ба қимати ҷони хеш аз пайи харобсозии ҷаҳон гарданд. Ё сабаби дигар, таълимоти нодурусте аст, ки аз хурдӣ аз ҷониби муҳит ба ҳамон ашхос дода мешавад.

Сабаби дигар, фазои иттилоотӣ аст, ки имрӯз ҳар яки мо дар он қарор дорем ва аз сомонаҳои интернетӣ васеъ истифода мекунем. Бисёре аз ҷавонон, ки фарҳангу маърифати истифодабарии шабакаҳои интернетиро намедонанд, вақте навореро аз ҷониби ин гурӯҳҳо тамошо мекунанд ё паёмеро мехонанд, аз надоштани савод ба он дода шуда, оядаи хешро бо ду-се ҳангомаи бадхоҳони миллат барбод медиҳанд. Ин як нуктаи хеле муҳим аст, аз ин лиҳоз, аз ҷавонон хоҳиш карда мешавад, то маърифати истифодабарии интернет ва телефони мобилиро хуб омӯзанд.

Мутаассифона, чанд сол қабл дар кишвари мо низ бархе ҷавонон ба ин ҳизбу ҳаракатҳо рӯй оварда буданд. Хушбахтона, аз ҷониби мақомоту сохторҳои дахлдор ин зуҳурот пешгирӣ карда шуда, ҷавононро бо насиҳату нишон додани роҳи дурусти зиндагӣ, аз шомилшавӣ ба ин гурӯҳҳои тахрибкор боз доштанд.

Тоҷикистони мо сарзамини зархезу гулафшон ва биҳиштосост. Барои ба ин нуқтаи муваффақият расидан, чандин ҷони ҷавон дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ қурбон гаштаву чандин оилаҳо пароканда шудаанд. Имрӯз бо талошу заҳматҳо ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат дар кишвар сулҳу осоиштагӣ ҳукмрон аст, ҳама шароити таҳсилу илмомӯзӣ, варзишу саломатӣ ва зиндагии осоишта фароҳам оварда шудааст. Фақат мо - ҷавононро мебояд зиракии сиёсиро аз даст надода, дониши худро такмил диҳем, баду неки ҷаҳонро дар тарозуи ақл баркашем, ба қадри ин ҳама ободиву озодӣ расида, ҳаёти хешро дар роҳе, ки оқибаташ ё марг ё паси панҷара аст, барбод надиҳем. Баръакс, аз пайи омӯзиш шуда, дониши хешро баланд бардорем, зеро таъмини амнияту сулҳу оромии ин сарзамин маҳз ба дӯши мост!

Хушбахтона, дар ҷомеаи мо имрӯз ин масъала ҳалли худро ёфта, ҷавонон роҳи дурусти зиндагии хешро пайдо кардаанд. Чун Пешвои миллат ояндаи ин Ватану давлатро ба мо бовар кардаанд, бояд аз дилу ҷон бо садоқати том ба ин боварӣ сазовор гардем ва нагузорем, ки ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳо ба мақсадҳои ғаразноки худ расанд.

Ҷавонони сарбаланди Тоҷикистон! Мо як қувваи бузурги миллатем. Ин Ватан бо қувваи бузурги мо метавонад ояндаи дурахшону устувори хешро бисозад. Пешвои миллат ояндаи давлатро маҳз ба мо - ҷавонон бовар кардаанд. Пас, бо як ҳисси баланди миллӣ ва ифтихори ватандорӣ аз дастуру ҳидоятҳои Роҳбари давлат баҳравар гардида, якҷо аз паси ободии ин Ватан бошем ва алайҳи ҳама гуна зуҳуроти номатлуб, ки мехоҳанд оромии моро барҳам диҳанд, чун бозуи пуртавон гардем.

***Ҷомӣ Муродов, курсанти курси 1 факултети №4***

# Инъикоси таърихи милитсияи Тоҷикистон дар осори олимон

Саҳми мақомоти милитсияи тоҷик дар давраи таъсисёбиаш (1917-1926) дар саҳифаҳои таърихи миллат ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Аз ҷумла, тибқи тадқиқотҳои илмии олимони ватанӣ, муаррихони шинохтаи тоҷик Б. Ғафуров, А. Мухторов, Р. Масов, Н. Ҳотамов ва ҳуқуқшиносону таърихшиносони ватанӣ Раҳимзода Р.Ҳ., Солиев К.Ҳ., Маҷидзода Ҷ.З., Шарифзода Ф.Р., Розиқзода А.Ш., Назарзода Н.Ҷ., Имомёрбеков А. ва Қосимов Ф.М. фаъолияту қаҳрамонии милитсияи тоҷик ва саҳми он дар муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ ва барқароркунии сохти Шӯравӣ ва даврони Истиқлолияти давлатӣ бар зидди ҷинояткорӣ, дар асарҳои худ ба таври васеъ инъикос намудаанд.

Дар ин ҷода, дар Академия аз ҷониби олимон ва муҳаққиқони соҳа таҳти роҳбарии бевоситаи сардори ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ ва муовини сардори Академия оид ба илм, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники милитсия Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон тадқиқотҳои беназири илмӣ гузаронида мешаванд. Вобаста ба мавзӯи мазкур чандин монографияву рисолаҳои илмӣ, маҷаллаҳои илмӣ-оммавӣ, маҷмӯи мақолаҳои илмӣ ба нашр расида, пайваста конфронсу мизҳои мудаввар баргузор мегарданд. Ин шаҳодати он аст, ки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳам аз лиҳози ғоявӣ ва ҳам амалӣ дар муборизаи зидди ҷинояткорӣ устуворӣ ва қатъият нишон медиҳанд.

Номгӯи асарҳоеро номбар карда метавонем, ки паҳлуҳои гуногуни таърихи милитсия ва фаъолияти гуногунҷанбаи онро дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ дар бар гирифтаанд. Аз ҷумла, асарҳои олимони шинохтае чун Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность: история и современность. - Монография. "ЭР-граф" Душанбе, 2016; Розикзода Ф.Ш. История формирования деятельности милиции в Таджикистане. Часть-2. Душанбе, 2004; Зоиров Ҷ.М. Заминаҳои ҳуқуқии пайдоиш ва инкишофи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон. Душанбе, 2008; Шарифзода Ф., Назарзода Н. Комиссарҳо-вазирон ва генералҳои МКД Тоҷикистон (1917-2017). Душанбе, "ЭР-граф", 2017; Назаров Н. Милиция Таджикистана в условиях независимости (1991-2009). Душанбе, 2010. ва ғайра давраҳои ташаккули милитсияи тоҷик ва пайдоишу инкишофи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистонро дар бар гирифтаанд.

Аз таҳлили адабиёти мавҷуда маълум мегардад, ки ҷинояткорӣ яке аз зуҳуроти номатлуби ҷомеа ба шумор рафта, на танҳо ба ҷомеа ва давлат хеле хавфнок аст, балки шахсиятро аз нигоҳи ҳуқуқию маънавӣ коста намуда, боиси азияти рӯҳию ҷисмонӣ гардида, оқибат ба пушаймонӣ мебарад.

Бар зидди ҷинояткорӣ тамоми сохторҳои ҳифзи ҳуқуқу тартибот, алалхусус мақомоти милитсия аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ муборизаи беамон мебаранд, ки дар ин ҷода то ҷое таҷрибаи бою рангин низ дорад.

Дар моддаи 3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи милитсия" самтҳои асосии фаъолияти милитсия инъикос ёфтаанд.

Самтҳои асосии фаъолияти милитсия аз инҳо иборатанд:




- ҳимояи ҳаёт ва саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон аз кирдорҳои ғайриқонунӣ;
- пешгирӣ, рафъи ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо;
- ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятию давлатӣ;
- таъмини тартибот ва бехатарии ҷамъиятӣ;
- ошкор намудан, таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳо, ҷустуҷӯи шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд;
- ҳимояи ҳама гуна шакли моликият аз кирдорҳои ғайриқонунӣ;
- дар доираи муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани таблиғоти ҳуқуқӣ дар байни шаҳрвандон, шахсони мансабдор, дар корхонаҳо, муассисаю ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият;
- таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ
- татбиқ ва иҷрои ҷазои маъмурӣ;
- амалӣ намудани назорати муҳоҷират дар доираи салоҳияти худ, танзими масъалаҳои будубоши гурезаҳо ва шахсоне, ки паноҳгоҳ меҷӯянд.

Тавре аз талаботи меъёрҳои қонунӣ бармеояд, доираи ваколатҳои мақомоти милитсия дар мубориза бо ҷинояткорӣ васеъ мебошанд.

Мақомоти милитсияи Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ (1917) тамоми фаъолияти худро бар зидди ҷинояткорӣ, муҳофизат ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, омӯзиши ҷинояткорӣ ва коркарди усулҳои гуногуни мубориза бо унсурҳои ҷиноятӣ равона намудааст.

Ин саҳифаҳои таърихи муборизаи милитсияи Тоҷикистон дар аввал ба замони Шӯравӣ рост меомад, ки қувваҳои аксулинқилобӣ бар зидди ҳокимияти Шӯравӣ (1924-1930) баромад мекарданд. Гарчанде ки андешаҳо атрофи ин масъала тобишҳои навро ба худ гирифта бошад ҳам, вале ҳеҷ гоҳ саҳифаҳои дурахшони милитсияи Тоҷикистон аз мадди назари таърих ва олимон дур нахоҳад монд ва ин як давраи томи таърихӣ аст, ки мақомоти милитсияи тоҷик дар сохтори милитсияи давлати абарқудрати Шӯравӣ фаъолият менамуд. Дар он солҳо мақомоти милитсия дар якҷоягӣ ва ба таври муштарак бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакатҳои аъзои ИҶШС бар зидди ҷинояткорӣ мубориза бурдааст.

Гурӯҳи олимони рус бо роҳбарии Коситсин А.П. давраҳои муборизаи макомоти милитсияи Шӯравиро чунин тақсим намудаанд:

Давраи якум, солҳои 1917-1936.

Давраи дуюм, солҳои 1936-1977.

Давраи сеюм, солҳои 1977-1987.

Дар давраҳои гуногуни таърихӣ милитсияи Тоҷикистони Шӯравӣ бар зидди чунин намудҳои ҷиноятҳо мубориза бурдааст:
- мубориза бар зидди қувваҳои аксулинқилобӣ;
- ҷиноятҳои иқтисодӣ;
- мубориза бар зидди гардиши ҳайриқонунии маводи нашъадор;
- дуздӣ ва ғоратгарии молу мулки ҷамъиятӣ ва давлатӣ;
- ҷиноятҳои аз рӯи мансаб;
- ҷиноятҳои маишӣ;
- қочоқ дар сарҳадот;
- фаъолияти зиддидавлатӣ ва таъсиси гурӯҳҳои мусаллаҳ.

Дар ин асари олими рус Коситсин А.П. солҳои бозсозӣ (1985-1991) пурра дарҷ нагардидаанд. Соли 1991 бошад, Иттиҳоди Шӯравӣ барҳам хӯрд, ҷумҳуриҳои тобеи он, аз ҷумла Тоҷикистон соҳибихтиёр гардиданд.

Ногуфта намонад, ки мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар мадди назари мақомоти милитсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ меистод. Ҳамин буд, ки санаи 5-уми феврали соли 1925 сохтори дастгоҳи кофтукови ҷиноятии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон коркард шуда, нақшаи муборизаи зидди ҷинояткорӣ тарҳрезӣ гардида буд. Натиҷаҳои аввали мубориза дар он солҳо бар зидди ҷинояткорӣ хеле ҳам назаррас буданд, ки зарари иқтисодӣ ба маблағи 8 ҳазор рубли ҳамонвақта ба хазинаи давлат баргардонида шуд. Ҷинояткорон бошанд, ҷазои сазовор гирифтанд.

Гарчанде таъминоти молиявӣ ва хоҷагии мақомоти кофтукови ҷиноятӣ душвориҳо дошт, ба ин нигоҳ накарда, милитсияи тоҷик бар зидди ҷинояткорӣ муборизаи беамон мебурд. Танҳо аз моҳи октябри соли 1925 то моҳи феврали соли 1926 дар ҳудуди шаҳри Душанбеи ҳамонвақта 133 ҷиноят содир шуда буд, ки аз онҳо 48 дуздӣ, 5-то ғоратгарӣ, 12-то куштор ва боқимонда ҷиноятҳои дигаре буданд, ки дар натиҷаи коркардҳои оперативӣ дар ниҳоят 67-тои онҳо кушода шуданд.

Он солҳо душвориҳои мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар он буд, ки мутахассисони тоҷик дар мақомоти милитсия намерасиданд, дар самти кофтукови ҷиноятӣ низ воҳидҳои корӣ кам буданд.

Дигар камбудиҳои кори кофтукови ҷиноятӣ дар он буд, ки бисёриҳо ба кори мақомоти кофтукови ҷиноятӣ сарфаҳм намерафтанд, муассисаҳои таълимӣ дар ин самт набуданд. Аммо ба ин ҳама душвориҳои мавҷуда нигоҳ накарда, мақомоти милитсияи тоҷик дар солҳои аввали таъсисёбии худ тамоми ҷораҳоро бар зидди ҷинояткорӣ равона намуда, дар мустаҳкам намудани пояҳои давлати ҶМШС Тоҷикистон нақши босазо гузошт.

***Ҳайдарзода О.Ҳ.,***
***ходими илмии Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр, лейтенанти милитсия***

# ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН - НЕРӮИ СОЗАНДАИ ВАТАН

Ҷавонон дар ҳар давру замон ва дар ҳар кишвари ҷаҳон ба унвони қудрати тавоно, сармояҳои бузурги инсонӣ ва омили рушду тараққиёт шинохта мешаванд. Дар Паёми навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 23-юми декабри соли 2022 нақши Ҳукумати мамлакат дар таҳкими сиёсати давлатии ҷавонон мавриди барасӣ қарор гирифта, ҷавонон ба ҳайси қувваи пешбарандаи ҷомеа, нерӯи тавонои ояндасоз, нигоҳдорандаи нангу номус ва ифтихори давлату миллат ёд шудаанд. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки: "Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд".

Бояд зикр намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани Истиқлол зарурати ногузирии ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавононро пазируфтааст, ки қабул гаштани қонуни асосии ҷавонон: "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон" аз 13-уми марти соли 1992 далели ин гуфтаҳо мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда қонуни асосии ҷавононро қабул кардааст ва бори дигар собит месозад, ки кишвари азизамон дар таҳкими сиёсати давлатдорӣ ва сохтмони ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд ташаккули сиёсати ҷавононро яке аз самтҳои асосии стратегии фаъолият медонад. Воқеан, ҷавонони кишвари мо ҷавонони саодатманданд, зеро шароити мусоид баҳри дуруст тарбия ёфтан ва солим ба камол расидани насли ҷавон фароҳам оварда шудааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин қишри ҷомеа, яъне ҷавонон эътимоди хосса дошта, аз нахустин рӯзи ба даст овардани истиқлоли давлатӣ баҳри дуруст тарбия ёфтани насли наврасу ҷавон ҳама гуна чораҳои заруриро андешида истодааст.

Дар рушди давлатдорӣ ва таҳкими сиёсати давлатии ҷавонон қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", Консепсияву стратегияи давлатӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷомеа, қабул ва амалигардонии як қатор барномаҳои соҳавии давлатӣ, мулоқотҳои пайваставу мунтазами Пешвои миллат бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ, роҳандозии як зумра ҳавасмандиҳо, аз қабили стипендияҳои президентӣ, Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, грантҳои ҳукуматӣ бо мақсади дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятии кор бо ҷавонон, таъсисёбӣ ва баргузории ҷаласаи нахустини Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷлили ҳамасолаи Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, ҷавоникунонии сиёсати кадрӣ ва дар зинаҳои роҳбарикунанда таъин гардидани шумораи зиёди ҷавонони лаёқатманд, ободу зебо гардонидани боғҳои фарҳангӣ, мавзеву гулгаштҳои фароғатӣ ва бунёди майдончаҳои варзишии муҷаҳҳаз бо талаботи замони муосир ва билохира, эълон гардидани соли 2017 "Соли ҷавонон" дастовардҳои беназиртарину нотакрор дар ҳаёти ҳар як ҷавони саодатманди кишвар мебошанд.



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон зикр намуданд, ки: "Ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол нерӯи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад".

Ин нуктаҳо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ, худшиносиву худогоҳӣ, рӯҳияи озодихоҳӣ, ватанпарастӣ, ифтихори миллии ҷавонони саодатманди диёрро баланд бардошта, бори дигар водор месозад, то мо, ҷавонон, ба қадри неъматҳои бебаҳо, ба мисли Истиқлоли давлатӣ, Ваҳдати миллӣ, Ватани ободу ором ва арзишҳои фарҳангии хеш бирасем.

Воқеан, имрӯз кишвари азизамон дар симои ҷавонони далеру шуҷои худ фарзандонеро мебинад, ки баҳри пешрафту саодати он омода буда, қодиранд, ки дар пастиву баландии зиндагӣ, сулҳи пойдор, амнияти кишвар, мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ аз худ ҷасорату қаҳрамонӣ нишон диҳанд. Зеро имрӯз давлату Ҳукумати кишвар барои рушду пешрафти ҷавонон тамоми шароитҳоро фароҳам овардааст, ки ин ғамхориҳо ҷавононро рӯҳбаланд намуда, барои кӯшишу ғайрати онҳо ҷиҳати хизмат ба Ватан-Модар мусоидат мекунад. Ҷавобан ба ин ҳама ғамхориҳо, мо - ҷавонони кишвар низ мактаби бузурги ватандӯстии Пешвои миллатро сабақи бузурги зиндагӣ интихоб намуда, масъулияти бузурги таърихӣ ва қарзи пурифтихори фарзандии худро сарбаландона адо менамоем ва барои рушду нумӯи рӯзафзуни кишвар ҳамчун созандагони фардои Ватан ва пайравони асилу содиқи Пешвои миллат тадбирҳои судманд андешида, ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҷомеаи навини Тоҷикистон барои амалӣ намудани ҳадафҳои созандаю бунёдкорона фаъолияти хешро равона месозем.

Лозим ба ёдоварист, ки бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" , бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти ҳофизаи фарҳангӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, бой гардонидани захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ ва фаъолгардонии доираи забондонии ҷавонон тасдиқ гардид. Зимнан, бояд арз кард, ки бо дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳифаи тозае дар таърихи навин боз шудааст, ки он эълон гардидани 23-юми май ҳамчун Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон мебошад. Таҷлили Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон на танҳо шодию хурсандӣ ва тарабу фараҳмандист, балки натиҷагирии фаъолияти ҷавонони кишвар дар ҷодаи бунёдкориҳо, ободонии Ватан аст. Мо бояд ба тамоми ҳастӣ дарк намоем, ки барои устувор намудани пояҳои истиқлолияти миллӣ ва бунёди давлати пуриқтидори демократӣ, тақдири ояндаи миллат, амнияту оромии кишвар ва эҳёи дурахшонтарин арзишҳои тамаддуни бузурги ниёгонамон масъулияти бузурге бар дӯш дорем. Зеро ҷавонон идомадиҳандаи суннатҳои таърихиву фарҳангии қадимии миллати худ, сарчашмаи ташаббусҳои бузург, манбаи ғояҳои нав, эҷодкори тақдири имрӯзу ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд. Имрӯз ҳар як ҷавони бонангу ори Ватан дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи асосии кору фаъолияти ҳамарӯзаи худ дар давраи ҷаҳонишавии муносибатҳо қарор дода, афкору андешаҳои тозаи мо, ҷавонони хушбахту хуштолеъ, нахоҳад гузошт, ки гурӯҳҳои тундраву ифротгаро фазои софи Ватани азизро ғуборолуд созанд. Мо - ҷавонон баҳри ҳифзи Ватани азизамон кӯшиш намуда, бар зидди ҳар гуна зуҳуроти бегонапарастӣ мубориза хоҳем бурд ва аз таърихи давлати соҳибистиқлолу ниёгони худ, забону фарҳанги миллиамон ифтихор намуда, баҳри дифои онҳо аз ҳар гуна омилҳои зараровар пайваста талош меварзем. Мавқеи фаъоли ҷавонони болаёқату боистеъдодро дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол ба инобат гирифта, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон чунин иброз намуданд: "Мо имсол "Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026" ва "Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027"-ро қабул намудем".

Ҷавонон аз ин ғамхориҳои беназиру таваҷҷуҳи Пешвои миллат руҳу илҳоми тоза гирифта, ба Модар-Ватан хизмати содиқона намудан, марзу буми онро ҳимоя кардан ва дар ҳимояи манфиатҳои давлату миллат ҳушёр буданро қарзи фарзандии худ медонанд. Мо - ҷавонони саодатманди кишвар, бо шукргузорӣ аз чунин фазои ободу озод, аз ин хоки сарзамини биҳиштосо, аз неъматҳои гаронбаҳои ваҳдату Истиқлолияти миллӣ, бо пуштибонӣ аз сиёсати хирадмандонаю дурандешонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳисси ифтихори миллӣ ва хештаншиносӣ дар роҳи ваҳдату ҳамбастагии сартосарӣ, ҳифзи муқаддасоти миллӣ ва муаррифии кишвар дар арсаи байналмилали талошу ташаббусҳои беназирро сармашқи фаъолияти хеш қарор хоҳем дод. Исбот хоҳем кард, ки мо - ҷавонони саодатманди ин кишвар, ба андешаи оқилонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нерӯи созандаи Ватан буда, дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа нақши арзишманд дорем.

***Нилуфар Бобозода,***
***сардори Котиботи Академия,***
***майори милитсия***



**МУАССИС:**
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Раҳимзода Р.Ҳ.**
*Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Шарифзода Ф.Р.**
*Сардори Академияи ВКД*

**Насуриён П.А.**
*Муовини аввали сардори Академияи ВКД*

**Раҳмадҷонзода Р.Р.**
*Муовини сардори Академияи ВКД*

**Ализода А.Ш.**
*Муовини сардори Академияи ВКД*

*САРМУҲАРРИР:* **Умед Олим**
*ХАБАРНИГОР-СУРАТГИР:* **Шавкат Убайдуллоев**
*ТАРРОҲ:* **Муҳаббат Рашидова**

Барои истифодаи матолиби нашрияи "Набзи милитсия" нишон додани манбаъ ҳатмист.

Нашрия аксҳо ва бархе матолибро аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебарад.

Аксҳо ва дастнависҳои ба идораи нашрия воридшуда ба муаллифон баргардонда намешаванд.
Маводҳои дастнавис қабул карда намешаванд.

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №242/РЗ-97 аз 12 апрели соли 2021 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

**НИШОНӢ:**
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

**Телефонҳо:**
226-60-43 (факс),
226-60-42, 226-60-60, 907-50-37-45

Нашрия дар чопхонаи «Мега-принт» аз чоп баромад.

Адади нашр: 500 нусха